**Суратмаҷлиси №30**

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-038-и назди
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
аз «16» марти соли 2024 ш. Душанбе

**Дар маҷлис иштирок доштанд:**

1. Эргашев Абдулло – д.и.б., 03.01.05
2. Юлдошев Ҳимоҳиддин – д.и.б., 03.01.05
3. Қосимов Раҷабек Бобораҷабович – д.и.б., 03.01.04
4. Бобораҷабов Бобохон – д.и.б., 03.02.01
5. Евдокимова Галина Нажмиддинова – д.и.б., 03.02.01
6. Сатторов Раҳматулло Бобоевич – д.и.б., 03.02.01
7. Бобоев Мариё Тиллоевич – д.и.б., 03.02.01
8. Алиев Қурбон –д.и.б., 03.05.01
9. Каримзода Акобир Изатулло – д.и.б., 03.01.04
10. Раҷабзода Сироҷиддин Икром –д.и.х., 03.01.04
11. Иброгимова Сайрамби Искандаровна – н.и.б., 03.01.04

**Раисикунанда:** д.и.б., профессор Эргашов Абдулло

Дар маҷлиси имрӯза аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 - уми апрели соли 2022, №119/шд тасдиқ гардида, 11 нафар иштирок доранд.

Оид ба оғози кори Шуро кӣ чӣ гуна пешниҳод дорад. Пешниҳод гардид, ки ба кори Шуро оғоз бахшида шавад. Кӣ ҷонибдори он, ки кори Шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намоед. Муқобил, бетараф нест. Якдилона қабул гардид.

**Рӯзномаи ҷаласа:**

Оид ба таъсиси комиссияи экспертӣ, ҷиҳати баррасӣ ва қабул намудани диссертатсияи Султонмамади Гулмамад дар мавзуи “Динамикаи ҷамъшавии пайвастагиҳои фитохимиявии растании Сич (*Eremurus*) дар шароити гуногуни экологӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.01.04 – Биохимия.

**Баромад намуданд:** раиси шурои диссертатсионӣ д.и.б., профессор Эргашов А., котиби шурои диссертатсионӣ н.и.б., Иброҳимова С.И.

Раиси шурои диссертатсионӣ, профессор Эргашев А. баромад намуда, иттилоъ дод, ки ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-038-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз тарафи аспиранти Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар мавзуи “Динамикаи ҷамъшавии пайвастагиҳои фитохимиявии растании Сич (*Eremurus*) дар шароити гуногуни экологӣ”

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.01.04 – Биохимия ариза пешниҳод шудааст. Султонмамади Гулмамад аспиранти шуъбаи ғоибонаи Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон буда, экспертизаи диссертатсияашро дар ҷаласаи васеи кафедраи биохимияи факултети биологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Протоколи №9 аз 21.02.2024) гузаронидааст.

Ҳамчунин котиби илмии шурои диссертатсионӣ, н.и.б. Иброгимова С.И. маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳои ба шурои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Султонмамади Гулмамад - автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ӯ ба талаботи низомномаи Намунавӣ оид ба шурои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти рақами №267 аз 26 июни соли 2023, таҳти №295 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, аспирант ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва диссертатсияи худро ба Шуро пешниҳод намудааст.

Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур барои ташхис дар комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ ягон монеа вуҷуд надорад.

Вобаста ба ин пешниҳод менамоем, ки барои гузаштани тартиботи навбатӣ номзадии аъзоёни шурои диссертатсионӣ, вобаста ба самти диссертатсияи барои ҳимоя пешниҳодшуда комиссияи ташхисӣ дар ҳайати зерин муайян карда шавад: д.и.х, Раҷабзода С.И. аъзои Шуро (раиси комиссия), аъзоёни комиссия: д.и.б., профессор Юлдошев Ҳ. ва н.и.б., дотсент Сафарова С.С. ҷиҳати экспертизаи диссертатсияи довталаб Султонмамади Гулмамад, оид ба ҳимояи диссертатсияи номзадӣ дар мавзуи "Динамикаи ҷамъшавии пайвастагиҳои фитохимиявии растании Сич (*Eremurus*) дар шароити гуногуни экологӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.01.04 – Биохимия пешниҳод карда мешавад.

Ба овоз монда шуд:

тарафдор 11- нафар; зид-нест; бетараф – нест.

Пас аз овоздиҳӣ ҚАРОР ҚАБУЛ ШУД:

1. Комиссияи экспертии шурои диссертатсионӣ д.и.х., профессор Раҷабзода С.И. (раиси комиссия), аъзоёни комиссия: д.и.б., профессор Юлдошев Ҳ., н.и.б., дотсент Сафарова С.С. ҷиҳати экспертизаи диссертатсияи довталаб Султонмамади Гулмамад ҷиҳати ҳимояи диссертатсияи номзадӣ дар мавзуи "Динамикаи ҷамъшавии

пайвастагиҳои фитохимиявии растании Сич (*Eremurus*) дар шароити гуногуни экологӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.01.04 – Биохимия таъсис дода шавад.

2. Ба комиссияи экспертӣ супориш дода шавад, ки таҳлили мувофиқати диссертатсияро ба самтҳои фаъолияти Шуро, инчунин баррасии дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи довталаб Султонмамади Гулмамад анҷом дода, хулосаи комиссияи экспертиро омода намоянд ва дар ҷаласаи навбатии шурои диссертатсионӣ пешниҳод намоянд.

Раиси шурои диссертатсионии
6D.КОА-038, доктори илмҳои
биологӣ, профессор Эргашев А.

Котиби илмии шурои
диссертатсионии 6D.КОА-038,
номзади илмҳои биологӣ Иброгимова С.И.

Имзои д.и.б., профессор
А. Эргашев ва номзади илмҳои биологӣ,
С.И. Иброгимоваро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.